# Исҳоқ -Яъқуб



Published by the Comic Bible Society, LLC
Copyright © 2021

Kingstone Comics maintains copyright to this comic book as provided by United States copyright law.

Print and digital copies of this version may be freely distributed without penalty under a Creative Commons license.


ВА СОРО 127 СОЛ ЗИНДАГӢ КАРД ВА ДАР САРЗАМИНИ КАНЪОН МУРД
БАРОИ ИБРОҲИМ ИН ЗАМОНИ МОТАМИ БУЗУРГ БУД.
АГАРЧИ ХУДО ВАЪДА ДОДА БУД, КИ Ӯ ВА АВЛОДОНАШ ДАР ОХИР СОҲИБОНИ ИН САРЗАМИН МЕШАВАНД, ИБРОҲИМ БА ҲИТТИЁН, КИ ДАР ҲЕБРӮН МЕЗИСТАНД, БО ХОҲИШЕ МУРОҶИАТ НАМУД.
МАН ДАР НАЗДИ ШУМО ҒАРИБ БОШАМ ҲАМ, МЕХОҲАМ ҶОЕ БАРОИ ДАФН КАРДАНИ ЗАНАМ ПАЙДО КУНАМ.
ТУ ДАР МИЁНИ МО АМИРИ БУЗУРГ ҲАСТӢ – АЗ БАЙНИ МАҚБАРАҲО ДИЛХОҲАТРО ИНТИХОБ НАМО.
МО ХОҲИШАТРО РАД НАМЕКУНЕМ.
АГАР ШУМО РОЗӢ БОШЕД, АЗ АФРӮН БАРОИ МАН ИЛТИМОС КУНЕД, ТО МАҒОРАИ МАКПЕЛОРО, КИ ДАР КАНОРИ САҲРОИ ӮСТ, БА МАН ДИҲАД. МАН АРЗИШИ ПУРРАИ ОНРО МЕДИҲАМ.






ҲАСТӢ 23:14-20


ЭЛИАЗАР, ХИЗМАТГОРИ ВАФОДОРТАРИНИ МАН, БА СУХАНОНИ МАН БО ДИҚҚАТ ГӮШ КУН.
МАН АЛЛАКАЙ 130-СОЛА ШУДААМ ВА БА ҚАРИБӢ БА АҶДОДОНИ ХУД МЕПАЙВАНДАМ.
ВА ПИСАРАМ ИСҲОҚ ҲАНӮЗ ЗАН НАДОРАД.
ДАСТИ ХУДРО ЗЕРИ РОНИ МАН ГУЗОР ВА ҚАСАМ ХӮР, КИ АЗ ДУХТАРОНИ КАНЪОНИЁН ЗАНЕ БАРОИ ПИСАРАМ ГИРИФТА НАМЕДИҲӢ
БАЛКИ БА САРЗАМИНИ МАН, НАЗДИ ХАЛҚИ МАН РАВ, ВА БАРОИ ПИСАРАМ ИСҲОҚ ЗАНЕ ПАЙДО НАМО.
МАН БА САФАР БА МАКОНИ ДУРДАСТ МЕРАВАМ, ХОҶААМ, АММО АГАР ОН ДУХТАР БО МАН БА ИН САРЗАМИН ОМАДАН НАХОҲАД ЧӢ?
ОЁ ПИСАРАТРО БА САРЗАМИНЕ КИ АЗ ОН БЕРУН ОМАДАЙ, БАРГАРДОНАМ?
НЕ. ПАРВАРДИГОР ХУДОИ ОСМОН, КИ МАРО АЗ ХОНАИ ПАДАРАМ ВА АЗ САРЗАМИНИ ЗОДГОҲАМ БЕРУН ОВАРД, ВА БА МАН СУХАН РОНД, ВА БА МАН ҚАСАМ ЁД КАРДА, ГУФТ, КИ: "ИН САРЗАМИНРО БА НАСЛИ ТУ МЕДИҲАМ" — Ӯ ФАРИШТАИ ХУДРО ПЕШОПЕШИ ТУ МЕФИРИСТАД.
АГАР ОН ДУХТАР БО ТУ ОМАДАН НАХОҲАД, ТУ АЗ ИН ҚАСАМ ОЗОД МЕШАВӢ.






ҲАСТӢ 24:10-17




ҲАСТӢ 24:15-25


ОЧА! ОЧА! ШАХСЕ АЗ НАЗДИ ИБРОҲИМ, БАРОДАРИ ПАДАРАМОН, ОМАДААСТ. Ӯ БАРОИ ОН ОМАДААСТ, КИ БА ПИСАРИ Ӯ ЗАН ЁБАД.
ЧӢ?!
Ӯ БА МАН ИН ЧИЗҲОРО ДОД – Ӯ ГУФТ, КИ ХУДО АМАКИ МОРО БАРАКАТ ДОДААСТ.
МАН ЛОБОН, БАРОДАРИ ОН ДУХТАРИ ҶАВОН ҲАСТАМ, КИ ШУМО БО Ӯ ГАП ЗАДЕД.
МО БАРОИ ШУМО ҶОЙ ТАЙЁР КАРДАЕМ. ВА ДАР ҲАҚҚИ ШУТУРОНАТОН НИЗ ҒАМХОРӢ МЕКУНАНД.
НИГАРЕД – ЗИЁФАТИ КАЛОН БАРОИ ШУМО АЛЛАКАЙ ТАЙЁР АСТ.
ТО ДАМЕ КИ ДАР БОРАИ МАҚСАДИ БА ИН ҶО ОМАДАНАМ НАГӮЯМ, БА ХӮРОК ДАСТ НАМЕРАСОНАМ.
АЛБАТТА – ГАП ЗАН.




ҲАСТӢ 24:34-49


ИН АЗ ҶОНИБИ ПАРВАРДИГОР АСТ.
ДУХТАРИ МАН РИВҚО МЕТАВОНАД БО ТУ РАФТА, ЗАНИ ПИСАРИ ХОҶАИ ТУ ШАВАД.
МУБОРАК АСТ НОМИ ХУДО, КИ БА ХОҶААМ ИБРОҲИМ МУВАФФАҚИЯТ АТО КАРДААСТ.
ЭЛИАЗАР ВА ХИЗМАТГОРОН ТӮҲФАҲОРО БАРОИ РИВҚО ВА АҲЛИ ОИЛАИ Ӯ ОВАРДАНД.
АКНУН МАН МЕТАВОНАМ ДАР ХОНАИ ШУМО ХӮРОК ХӮРАМ ВА ШАБРО ГУЗАРОНАМ.






ҲАСТӢ 26:54-61






ҲАСТӢ 24:62-67


ПАС АЗ МАРГИ ЗАНАШ, ИБРОҲИМ ЗАНИ ДИГАР ГИРИФТ, КИ ҚАТУРО НОМ ДОШТ, ВА Ӯ БА ВАЙ ПИСАРОНИ ДИГАРРО ЗОИД.
АММО Ӯ ОНҲОРО ВА ПИСАРОНИ СУРРИЯГОНАШРО ҲАНӮЗ ҲАНГОМИ ЗИНДА БУДАНАШ БА МАШРИҚЗАМИН ФИРИСТОД, ТО КИ Ӯ ҲАМАИ ДОРОИИ ХУДРО БА ИСҲОҚ БА МЕРОС ДОДА ТАВОНАД.
ЭЛИАЗАР! ХОҶААМОН ИБРОҲИМ ---Ӯ—Ӯ МУРДААСТ!
ИБРОҲИМ ДАР 175-СОЛАГӢ ВАФОТ КАРД ВА ПИСАРОНАШ ИСҲОҚ ВА ИСМОИЛ ӮРО ДАФН КАРДАНД.
ОНҲО ӮРО ДАР МАҒОРАИ МАКПЕЛО ДАФН КАРДАНД. ҲАМИН ТАВР Ӯ ДАР НАЗДИ СОРО ДАФН КАРДА ШУД.
ЧУНОН КИ ХУДО БА ИБРОҲИМ ВАЪДА ДОДА БУД, 12 ПИСАРОНИ ИСМОИЛ САРВАРОНИ ҚАБИЛАҲО ШУДАНД.
ОНҲО АҶДОДОНИ ХАЛҚҲОИ АРАБИ ҲОЗИРА МЕБОШАНД.
ВА ХУДО ИСҲОҚРО БАРАКАТ ДОД – ВА БО Ӯ БУД.

ҲАСТӢ 25:1-10






ҲАСТӢ 25:19-26




ҲАСТӢ 25:27-34


ҲАНГОМЕ КИ ҚАҲТӢ ФАРО РАСИД, ХУДО ИСҲОҚРО ОГОҲ НАМУД, КИ БА МИСР НАРАВАД, ВА ИСҲОҚ БА НАЗДИ АБИМАЛИК ПОДШОҲИ ФАЛИШТИЁН РАФТ.
ДАР ИН САРЗАМИН БИМОН ВА МАН БА ТУ ҲАМАИ ОН ЧИРО, КИ БА ПАДАРАТ ИБРОҲИМ ВАЪДА КАРДААМ, МЕДИҲАМ.
АВЛОДОНИ ТУ ЧУН СИТОРАГОН СЕРШУМОР МЕШАВАНД, ВА ҲАМАИ ХАЛҚҲОИ ЗАМИН БА ВОСИТАИ ОНҲО БАРАКАТ МЕЁБАНД.
ИН ЗАН БО ТУ АСТ?
Ӯ ХОҲАРИ МАН АСТ – ВА БО МО САФАР МЕКУНАД.
ИСҲОҚ АЙНАН ЧУН ПАДАРАШ ИБРОҲИМ АМАЛ НАМУД. Ӯ БА ХУДО БОВАРӢ НАКАРД, КИ Ӯ ДАР ҲАҚҚИ ОНҲО ҒАМХОРӢ МЕНАМОЯД.
?!?
ЧАРО ТУ ИН КОРРО КАРДӢ?
ЯКЕ АЗ ОДАМОНИ МАН МЕТАВОНИСТ БО ЗАНИ ТУ БИХОБАД ВА МОРО БА ГУНОҲЕ ОВАРАД.
ИН ЗАН ДАР АСЛ ЗАНИ ТУСТ!
ФАРМОНИ МАРО ДАР ТАМОМИ САРЗАМИН ЭЪЛОН НАМОЕД – БА ИСҲОҚ Ё ЗАНИ Ӯ ҲЕҶ ЗАРАРЕ РАСОНИДА НАШАВАД. АГАР КАСЕ БА ИН ФАРМОН ИТОАТ НАКУНАД, ҲАЁТАШРО АЗ ДАСТ МЕДИҲАД.



ҲАСТӢ 26:1-11


ПАС АЗ ЧАНДЕ ХУДО ИСҲОҚРО ДАР САРЗАМИНИ ФАЛИШТИЁН ОН ҚАДАР БАРАКАТ ДОД, КИ АБИМАЛИК БА Ӯ ФАРМУД, ТО АЗ ИН САРЗАМИН РАВАД.
АММО БАЙНИ ХИЗМАТГОРОНИ ИСҲОҚ ВА ЧӮПОНОНИ МАҲАЛЛӢ БАРОИ ҲАҚҚИ ИСТИФОДАИ САРЧАШМАҲОИ ОБ ҶАНҶОЛҲО РӮЙ ДОДАНД.
НИҲОЯТ, Ӯ ЧОҲЕ КАНД, КИ ҲЕҶ КАС БА ОН ДАЪВО НАМЕКАРД. Ӯ ОНРО «РАҲӮБӮТ» НОМИД, ЗЕРО ХУДО БА Ӯ МАКОНИ ВАСЕЪ ДОД.
ВА БОЗ ПАРВАРДИГОР БА Ӯ ГАП ЗАД ВА РӮҲБАЛАНД НАМУД.
Ӯ БО ИСҲОҚ БУД ВА Ӯ НАСЛИ ИСҲОҚРО АФЗУН МЕГАРДОНАД.
АБИМАЛИК ИН ҶО МЕОЯД, АГАРЧИ Ӯ МАРО АЗ САРЗАМИНАШ РОНД.
МО ДИДЕМ, КИ ПАРВАРДИГОР ҲАМЕША БО ТУ БУД, ВА ТАРСИДЕМ.
МО ҲАМЕША БО ТУ ХУБ МУНОСИБАТ МЕКАРДЕМ, ПАС БИЁ БО ҲАМ АҲД ДАР БОРАИ СУЛҲ МЕБАНДЕМ.
МО БА ЯКДИГАР ҚАСАМ МЕХӮРЕМ.
ИСҲОҚ БО ХАЛҚҲОИ ҲАМСОЯ СУЛҲ ДОШТ, АММО ДАР ОИЛААШ СУЛҲ НАБУД.
ЭСАВ АЗ ДУХТАРОНИ ҚАВМИ ХУД ЗАН ГИРИФТАН НАХОСТ, ВА БА ҶОИ ИН АЗ ХАЛҚҲОИ БУТПАРАСТ ДУ ЗАН ГИРИФТ – ВА ОНҲО БАРОИ ИСҲОҚ ВА РИВҚО САРЧАШМАИ ҒАМУ АНДӮҲ БУДАНД.


МАН ПИР ШУДААМ ВА ЧАШМОНАМ ХИРА ШУДААНД. МАН НАМЕДОНАМ, КИ РӮЗИ МАРГИ МАН КАЙ ФАРО МЕРАСАД.
САЙДЕ ОВАРДА БАРОИ МАН ХӮРДАНӢ ТАЙЁР КУН, ЧУНОН КИ ДӮСТ МЕДОРАМ, – ВА МАН ПЕШ АЗ МУРДАНАМ ТУРО БАРАКАТ МЕДИҲАМ.
МАН ҲОЗИР ШУНИДАМ, КИ ПАДАРАТ БА ЭСАВ ФАРМУД, КИ САЙДЕ ОВАРДА ХӮРДАНӢ ТАЙЁР КУНАД, ТО КИ Ӯ ВАЙРО БАРАКАТ ДИҲАД.
БА МАН ДУ БУЗҒОЛА БИЁР ВА МАН АЗ ОНҲО ҲАМОН ТАВРЕ КИ Ӯ ДӮСТ МЕДОРАД, ХӮРДАНӢ ТАЙЁР МЕКУНАМ.
ПАС ТУ МЕТАВОНӢ ОН ХӮРДАНИРО НАЗДИ Ӯ БУРДА, БАРАКАТИ ӮРО БА ДАСТ ОВАРӢ.
ЭСАВ СЕРПАШМ АСТ, АММО ПӮСТИ МАН ПАШМ НАДОРАД.
АГАР Ӯ МАРО ДАСТ-ДАСТ КУНАД, БАРЪАКС, МАРО ЛАЪНАТ МЕКУНАД.
ОН ЧИ МЕГӮЯМ, БИКУН, ВА БИГУЗОР ОН ЛАЪНАТ БАР САРИ МАН ОЯД.



ҲАСТӢ 27:1-13



ИНҲОРО БИПӮШ – БЕҲТАРИН ЛИБОСҲОИ БАРОДАРАТРО – ВА АЗ ТУ БӮИ БАРОДАРАТ МЕОЯД.
ИН ПОРЧАҲОИ ПӮСТИ БУЗҒОЛАҲОРО БА ДАСТОНАТ БАНД, ТО КИ ЧУН ДАСТОНИ СЕРПАШМИ ЭСАВ ШАВАНД.
БО ҲАМИН, ВА БО ХӮРОКИ БОМАЗА, Ӯ ФИКР МЕКУНАД, КИ ТУ ЭСАВ ҲАСТӢ, ВА ТУРО БАРАКАТ МЕДИҲАД.
ПАДАРАМ.
ҲА, ПИСАРАМ – ТУ КИСТӢ?
ЭСАВ – НАХУСТЗОДАИ ТУ. МАН БА ТУ САЙДЕ ОВАРДА, ХӮРДАНӢ ТАЙЁР КАРДАМ, ЧУНОН КИ ТУ ДӮСТ МЕДОРӢ, ТО КИ БАРАКАТИ ТУРО БА ДАСТ ОВАРДА ТАВОНАМ.
НАЗДИК БИЁ, ТУРО ДАСТ-ДАСТ КУНАМ – ТО БОВАРӢ ҲОСИЛ КУНАМ, КИ ТУ ЭСАВ ҲАСТӢ.
ОВОЗАТ ОВОЗИ ЯЪҚУБ АСТ, АММО ДАСТҲОЯТ – ДАСТҲОИ ЭСАВ.
ОЁ ТУ ҲАҚИҚАТАН ЭСАВ ҲАСТӢ?
ҲА, ЭСАВ ҲАСТАМ.
ГӮШТИ ПУХТАРО, КИ МАН ДӮСТ МЕДОРАМ, БИЁР.


ПИСАРАМ – НАЗДИК ОМАДА, МАРО БИБӮС.
АҲ… БӮИ ПИСАРАМ ЧУН БӮИ САҲРОЕСТ, КИ ПАРВАРДИГОР ОНРО БАРАКАТ ДОДААСТ.
ХУДО БА ТУ АЗ САРВАТИ ЗАМИН, АЗ ШАБНАМИ ОСМОН АТО ФАРМОЯД.
ҚАВМҲО БА ТУ ХИЗМАТ КУНАНД, ХАЛҚҲО БА ТУ ТАЪЗИМ НАМОЯНД.
ҲАР КӢ ТУРО ЛАЪНАТ ХОНАД, ЛАЪНАТӢ МЕШАВАД, ВА ҲАР КӢ ТУРО МУБОРАК ХОНАД — БАРАКАТ МЕЁБАД.


МАН БО САЙДИ НАВ ОМАДАМ, ЧУНОН КИ ТУ ДӮСТ МЕДОРӢ – МАН ТАЙЁРАМ, КИ МАРО БАРАКАТ ДИҲӢ.
ТУ КИСТӢ?
ПИСАРАТ. ПИСАРИ КАЛОНИИ ТУ, ЭСАВ.
ПАС КӢ – КӢ БА МАН САЙДРО ПУХТА ОВАРД, ВА МАН ОНРО ХӮРДАМ?!
МАН ӮРО БАРАКАТ ДОДАМ – ВА Ӯ БАРАКАТ ХОҲАД ЁФТ.
АММО ПАДАР – МАРО ҲАМ БАРАКАТ ДЕҲ!
БАРОДАРАТ БО ФИРЕБ ОМАДА, БАРАКАТИ ТУРО ГИРИФТ.
МАГАР “ФИРЕБГАР” НОМИДА ШУДАНИ Ӯ ОДИЛОНА НЕСТ?!
Ӯ ДУ БОР МАРО ФИРЕБ ДОД – АВВАЛ НАХУСТЗОДАГИИ МАРО ГИРИФТ, ВА АКНУН – БАРАКАТАМРО!
МАРО НИЗ БАРАКАТ ДЕҲ… ОЁ БАРОИ МАН БАРАКАТЕ БОҚӢ НАГУЗОШТАЙ?
ТУ … БЕ ШАБНАМИ ОСМОН ВА САРВАТИ ЗАМИН ИСТИҚОМАТ ХОҲӢ КАРД.
ВА БО ШАМШЕРАТ ЗИНДАГӢ МЕНАМОӢ, ВА БА БАРОДАРИ ХУД ХИЗМАТ МЕКУНӢ.
АММО… ЗАМОНЕ МЕРАСАД, КИ ТУ ЮҒИ ӮРО АЗ ГАРДАНИ ХУД ДУР МЕАНДОЗӢ.


БА ФИКРАМ, ҚАЙРОҚ ШАМШЕРИ ТУРО АЗ ИН ТЕЗТАР КАРДА НАМЕТАВОНАД. АЗ АФТИ КОР, ТУ ХУНИ БИСЁР РЕХТАНӢ ҲАСТӢ.
НЕ – ФАҚАТ ХУНИ ЯЪҚУБИ ФИРЕБГАРРО МЕРЕЗАМ.
АММО Ӯ БАРОДАРИ ТУ АСТ!
ТО ЯК МУДДАТИ КӮТОҲ. Ӯ БОРИ ОХИР МАРО ФИРЕБ ДОД.
ЗУД БОШ, ЧИЗҲОЯТРО ҶАМЪ КУН. МАН ТУРО НАЗДИ БАРОДАРАМ ЛОБОН МЕФИРИСТАМ.
БА МАН ХАБАР РАСИД, КИ БАРОДАРАТ АЗ ТУ ҚАСОС ГИРИФТАНӢ АСТ.
ДЕРТАР, ДАР ХАЙМАИ ИСҲОҚ…
АЗ ДАСТИ ИН ЗАНҲОИ ҲИТТИИ ЭСАВ АЗ ҶОН БЕЗОР ШУДААМ.
АГАР ЯЪҚУБ ҲАМ АЗ ОНҲО ЗАН ГИРАД, ЗИНДАГИИ МАН МАЪНОЕ НАХОҲАД ДОШТ.
АЪҚУБРО НАЗДИ МАН БИФИРИСТ.
ПИСАРАМ, БА БАЙНАННАҲРАЙН РАВОНА ШАВ. АЗ ОИЛАИ БАРОДАРИ МОДАРАТ, ЛОБОН, БА ХУД ЗАН ЁБ.
ХУДОИ ҚОДИРИ МУТЛАҚ ТУРО БАРАКАТ ДИҲАД, ВА НАСЛИ ТУРО ЗИЁД ГАРДОНАД, ВА ВОРИСОНИ ТУ ЗАМИНЕРО, КИ БА ИБРОҲИМ ВАЪДА ШУДААСТ, СОҲИБ ШАВАНД.


ДАР ХОНАИ ПАДАРИ МАН ТУ ПАНОҲГОҲ МЕЁБӢ.
БАРОДАРАМ ЛОБОН БА ТУ НИШОН МЕДИҲАД, КИ БОЯД ЧӢ КОР КУНӢ.
ПАС, ЗАНҲОИ КАНЪОНИИ МАН БА ОНҲО МАЪҚУЛ НЕСТАНД …ЭҲТИМОЛ МАН ЗАРАРИ НАХУСТЗОДАГИИ АЗ ДАСТ РАФТАРО ҶУБРОН КАРДА МЕТАВОНАМ …
БА ПАДАРАШ ИТОАТ НАМУДА, ЯЪҚУБ СӮИ ҲОРОН, НАЗДИ ОИЛАИ МОДАРАШ САФАР КАРД.
Ӯ МЕХОСТ ДАР ОН ҶО АЗ БАРОДАРАШ ЭСАВ ПАНОҲ ЁБАД, ҲАМЧУНИН БАРОИ ХУД ЗАНИ САЗОВОРЕ ПАЙДО КУНАД.
ЭСАВ ЗАНИ СЕЮМ ГИРИФТ – ДУХТАРИ АМАКАШ ИСМОИЛРО. ШОЯД, Ӯ БО ҲАМИН ВОСИТА ВОЛИДОНАШРО ВОДОР КАРДАНӢ БУД, КИ ВАСИЯТИ НАВ ТАРТИБ ДИҲАНД.
ЯЪҚУБ ДАР МАКОНЕ БАРОИ ШАБГУЗАРОНӢ БОЗИСТОДА, САНГЕРО ЗЕРИ САРАШ ГУЗОШТА ХОБИД.


МАНАМ ПАРВАРДИГОР, ХУДОИ ИБРОҲИМ ПАДАРАТ ВА ХУДОИ ИСҲОҚ.
ВА НАСЛИ ТУ МОНАНДИ РЕГИ ЗАМИН МЕШАВАД...
ҲАМАИ АВЛОДҲОИ РӮИ ЗАМИН БА ВОСИТАИ ТУ ВА НАСЛИ ТУ БАРАКАТ МЕЁБАНД...




ҲАСТӢ 28:12-15






ҲАСТӢ 28:16-22


ПАДДОНИ АРАМ.
ЗАМИНИ ОИЛАИ РИВҚО.
ДӮСТОН—ШУМО АЗ КУҶОЕД?
МО АСЛАН АЗ ҲОРОНЕМ.
ОЁ ЛОБОН, НАБЕРАИ НОҲӮРРО МЕШИНОСЕД?
ҲА, МЕШИНОСЕМ.
ОЁ ВАЙ САЛОМАТ АСТ?
ҲА, САЛОМАТ АСТ.
ИНАК, ДУХТАРАШ РОҲЕЛ МЕОЯД.
МАН ХЕШИ ТУ ҲАСТАМ – ПИСАРИ ХОҲАРИ ПАДАРАТ!
БО МАН БИЁ! ПАДАРАМ ХЕЛЕ ХУРСАНД МЕШАВАД!
ПАДАР! ПИСАРИ ХОҲАРАТ РИВҚО НАЗДИ МО ОМАДААСТ!


ЯК МОҲ ШУДААСТ, КИ ТУ ДАР ИН ҶО МЕБОШӢ. ТУ ХЕШИ МАН ҲАСТӢ, АММО ИН МАЪНОИ ОНРО НАДОРАД, КИ БОЯД БА МАН МУФТ ХИЗМАТ КУНӢ.
ТУ ЧӢ МУЗДЕ ГИРИФТАН МЕХОҲӢ?
МАН АНИҚ МЕДОНАМ, КИ ЧИРО МЕХОҲАМ. ДУХТАРАТ РОҲЕЛҲО БА МАН БА ЗАНӢ ДЕҲ …
…ДАР ИВАЗИ ҲАФТ СОЛИ КОР.
ӮРО БА ТУ ДОДАНАМ БЕҲТАР АЗ ОН АСТ, КИ БА МАРДИ ДИГАРЕ ДИҲАМ.
МАН ҲАФТ СОЛ КОР КАРДАМ – АКНУН ЗАНАМРО БА МАН СУПОР.
ЧУНОН КИ МАСЛИҲАТ ШУДА БУД.
ҲАФТ СОЛ БА НАЗАРАШ МИСЛИ ЯКЧАНД РӮЗ НАМУДАНД, ЧУНКИ РОҲЕЛРО ХЕЛ ДӮСТ МЕДОШТ.




ҲАСТӢ 29:25-30:24






ҲАСТӢ 30:25-36




ҲАСТӢ 30:37-31:1


МУНОСИБАТИ ПАДАРАТОН ВА БАРОДАРОНАТОН БА МАН ДИГАР ШУДААСТ.
ПАДАРАТОН МУЗДИ МАРО ДАҲ БОР ТАҒЙИР ДОД, АММО ХУДО АЗ РАМАИ Ӯ ГИРИФТА БА РАМАИ МАН ИЛОВА КАРД.
ХУДО ҲАМАИ ОН ЧИРО, КИ Ӯ БА МАН КАРД, МЕДИД. ХУДО МЕХОҲАД, КИ МАН БА ВАТАНАМ БАРГАРДАМ.
МО ДИГАР ДАР ИН ҶО МЕРОСЕ НАДОРЕМ ВА ХУДАМОН АЛЛАКАЙ ДАР ИН ҶО БЕГОНА ҲИСОБИДА МЕШАВЕМ.
МО ДАР ҲАР ОН ЧИ ХУДО БА ТУ МЕФАРМОЯД, ҲАМРОҲЕМ.
ҲАМИН ТАВР, ҲАНГОМЕ КИ ЛОБОН БАРОИ ТАРОШИДАНИ ПАШМИ ЧОРВОИ ХУД РАФТА БУД, ЯЪҚУБ БО ТАМОМИ ДОРОИИ ХУД ГУРЕХТ.
АММО РОҲЕЛ НИЗ БУТҲОЕРО, КИ БА ХОНАВОДАИ ПАДАРАШ ТААЛЛУҚ ДОШТАНД, ДУЗДИД.



ҲАСТӢ 31:2-21




ҲАСТӢ 31:22-32






ҲАСТӢ 31:33-55


ДАР ЯКЕ АЗ ШАБҲО ҲАНГОМИ САФАР ФАРИШТАҲОИ ХУДО БА Ӯ ВОХӮРДАНД.
ОНҲО БА Ӯ ЁДРАС НАМУДАНД, КИ ПАРВАРДИГОР БО ӮСТ, ВА АЗ ҲАМИН САБАБ Ӯ ОН ҶОЙРО МАҲАНОИМ НОМ ДОД, КИ МАЪНОЯШ «ДУ ЛАШКАРГОҲ» АСТ.
ПЕШОПЕШИ МО РАВ. БО ХОҶААМ ВА БАРОДАРАМ ЭСАВ ГАП ЗАН.
БА Ӯ ГӮЙ, КИ МАН ДАР НАЗДИ ТАҒОЯМ ЛОБОН БУДАМ, ВА ХУДО МАРО БО МОЛИКИЯТИ ЗИЁДЕ БАРАКАТ ДОД: БАРЗАГОВОН ВА ХАРОН ВА ГӮСФАНДОН, ВА ХИЗМАТГОРОН. МАН ДАР НАЗАРИ Ӯ МАРҲАМАТ ЁФТАН МЕХОҲАМ.
ЯКЧАНД РӮЗ ПАС …
МО ҲАМАИ ОН ЧИРО, КИ ТУ ФАРМУДӢ, БА БАРОДАРАТ ЭСАВ РАСОНДЕМ; АММО БА ҲАР ҲОЛ Ӯ БО 400 КАС БА ИН ҶО ОМАДА ИСТОДААСТ.
ИН ҲЕҶ ХУБӢ НАДОРАД … БА МАН ЁРӢ ДИҲЕД, КИ ҲАМА ЧИЗРО БА ДУ БОШИШГОҲ ТАҚСИМ КУНАМ. ҲАМЧУНИН РАМАҲОРО ТАҚСИМ МЕКУНЕМ.
АГАР БАРОДАРАМ БА ЯК БОШИШГОҲ ҲУҶУМ КУНАД, ЭҲТИМОЛ БОШИШГОҲИ ДИГАР НАҶОТ МЕЁБАД.
ХУДОИ МАН, БА ЁД ОВАР, ТУ ВАЪДА ДОДА БУДӢ, КИ МАН НЕКӮАВОЛ МЕШАВАМ ВА НАСЛИ МАН ЧУН РЕГИ БАҲР МЕШАВАД …
ПАГОҲ РАМАИ БУЗҲОРО ПЕШ РОНЕД, БАЪД ГӮСФАНДОНРО, БАЪД ШУТУРОНРО, ВА БАЪД ГОВОН ВА ХАРҲОРО. БАЙНИ ХУД МАСОФАЕРО НИГОҲ ДОРЕД. ҲАНГОМЕ КИ БО ЭСАВ ВОМЕХӮРЕД, БОЯД ЧУНИН ГӮЕД: “ИН РАМАҲО МОЛИКИЯТИ БАНДААТ ЯЪҚУБ МЕБОШАНД ВА ТӮҲФА БА ХОҶААМ ЭСАВ ҲАСТАНД. ЯЪҚУБ АЗ ПАСИ МО МЕОЯД.”


ЯЪҚУБ ҲАМАРО АЗ ДАРЁ ГУЗАРОНД, ВА ХУДАШ ТАНҲО МОНД.
ТАМОМИ ШАБ ЯЪҚУБ БО КАСЕ ГӮШТИН ГИРИФТ.
БИСЁР КАСОН БОВАР ДОРАНД, КИ ИН ШАХС ИСОИ МАСЕҲ ПЕШ АЗ ТАҶАССУМ БУД.
БОМДОДОН ОН ШАХС БА БАНДИ СУРИНИ ЯЪҚУБ РАСИД, ЧУНОН КИ БАНДИ СУРИНИ Ӯ ОСЕБ ДИД.
МАРО САР ДЕҲ, ЗЕРО ҚАРИБ РӮЗ ШУДААСТ.
ТО МАРО БАРАКАТ НАДИҲӢ, ТУРО САР НАМЕДИҲАМ.
МИНБАЪД НОМИ ТУ ЯЪҚУБ ХОНДА НАМЕШАВАД, БАЛКИ ИСРОИЛ --: ЗЕРО БО ХУДО ВА БО ОДАМОН ГӮШТИН ГИРИФТӢ, ВА ҒОЛИБ ШУДӢ .
ВА ЯЪҚУБ ОН ҶОЙРО ПАНУИЛ, ЯЪНЕ РӮИ ХУДО НОМИД; ЗЕРО Ӯ ГУФТ: «ХУДОРО РӮ БА РӮ ДИДАМ, ВА ҶОНАМ РАҲО ШУД.


БАРОДАРАМ – НИҲОЯТ МАН БО ТУ ВОХӮРДАМ!
ИНҲО КИҲОЯНД?
ИНҲО ФАРЗАНДОНЕ МЕБОШАНД, КИ ХУДО БО МАРҲАМАТИ ХУД БА БАНДААТ БАХШИДААСТ.
АВВАЛ КАНИЗОН БО БАЧАҲОШОН НАЗДИК ОМАДА, БА ЭСАВ ТАЪЗИМ КАРДАНД.
БАЪД ЛЕЁ ВА ФАРЗАНДОНАШ.
ВА НИҲОЯТ ЯЪҚУБ, РОҲЕЛ ВА ЮСУФ.

ҲАСТӢ 33:1-7


ТАМОМИ ИН ЧОРВОЕ КИ ПЕШАКӢ ФИРИСТОДӢ, БАРОИ ЧӢ БУД?
МО БО НОХУШӢ АЗ ҲАМ ҶУДО ШУДА БУДЕМ, АММО АКНУН МАН ДАР НАЗАРИ ТУ МАРҲАМАТ ЁФТАН МЕХОҲАМ.
ЭЙ БАРОДАРАМ, МАН БА ОНҲО ЭҲТИЁҶ НАДОРАМ – ХУДАМ МОЛИ БИСЁР ДОРАМ.
МАН ИСРОР МЕКУНАМ! ДИДАНИ РӮИ ТУ ЧУН ДИДАНИ РӮИ ХУДОСТ.
ИНҲОРО ЧУН ТӮҲФА АЗ МАН ҚАБУЛ КУН.
АГАР ЧУНИН БОШАД, МАН ОНҲОРО ЧУН ТӮҲФА АЗ ДАСТОНИ ТУ МЕГИРАМ.
АММО МО БОЯД БА ПЕШ ҲАРАКАТ КУНЕМ. МАН ШУМОРО ҲАМРОҲӢ МЕКУНАМ.
МО НАМЕТАВОНЕМ.
КӮДАКОН НОЗУКАНД, ВА НИЗ АЗ БОИСИ БАРРАҲО ВА ГӮСОЛАҲОИ ШИРХОР БОЯД ОҲИСТА ҲАРАКАТ КУНЕМ.
ПАС ЯКЧАНД ОДАМОНИ МАН БО ШУМО МОНДА, ДАР РОҲ ҲАМРОҲӢ МЕКУНАНД.
ЧӢ ЛОЗИМ АСТ? ФАҚАТ ДАР НАЗАРИ ХОҶААМ МАРҲАМАТ ЁБАМ, БАСАНДА АСТ.
ДАР КАНЪОН ЯЪҚУБ АЗ ПИСАРОНИ ҲАМӮР ҚИТЪАИ ЗАМИН ХАРИД.



ҲАСТӢ 33:8-20


РӮЗЕ ДИНО, ДУХТАРИ ЯЪҚУБ, БАРОИ ДИДАНИ ДУХТАРОНИ ОН САРЗАМИН БЕРУН РАФТ, ВА ДИЛИ ШЕКЕМ, ПИСАРИ ҲАМӮР, БА Ӯ МОИЛ ШУД.
ДИНОРО НАЗДИ Ӯ ОВАРДАНД – ВА Ӯ БА НОМУСИ ДУХТАР ТАҶОВУЗ КАРД.
ДИНО, ДУХТАРАМ, ЧӢ РӮЙ ДОДААСТ?!
ПИСАРАМ ШАКЕМ БА ДУХТАРИ ШУМО ДИЛ БАСТААСТ. Ӯ МЕХОҲАД ВАЙРО БА ЗАНӢ ГИРАД.
Ӯ ВАЙРО НОПОК КАРД!
ОН ЧИ Ӯ КАРДААСТ – АМАЛИ ШАРМАНДАВОР АСТ.
АММО Ӯ БА ВАЙ ДИЛ БАСТААСТ.
ХОҲИШ МЕКУНАМ…ИН ҶО БИМОНЕД ВА БО МО ХЕШИГАРӢ КУНЕД.
МО ХОҲАРАМОНРО БА МАРДИ БЕХАТНА ДОДА НАМЕТАВОНЕМ.
ҲАМАИ МАРДОН ДАР ШАҲРИ ШУМО БОЯД ЧУН МО ХАТНАШУДА БОШАНД.






ҲАСТӢ 34:18-31


БО РОҲНАМОИИ ХУДО ЯЪҚУБ БА БАЙТ-ИЛ БАРГАШТ, ВА ДАР ОН ҶО, ПЕШ АЗ ВОХӮРДАНАШ БО ЭСАВ, ПАРВАРДИГОР БА Ӯ ЗОҲИР ШУД.
МО БОЯД ҲАМАИ ХУДОЁНИ БЕГОНАРО ТАРК КУНЕМ ВА ХУДРО ДАР НАЗДИ ХУДО ТАҚДИС НАМОЕМ.
ҲАМАИ КАСОНЕ КИ БО Ӯ БУДАНД, ГӮШВОРАҲОИ ТИЛЛО ВА БУТҲОЯШОНРО ДОДАНД, ВА ЯЪҚУБ ОНҲОРО ДАР БАЙТ-ИЛ ГӮР КАРД.
ЯЪҚУБ БАРОИ ПАРАСТИШИ ХУДО, КИ БА Ӯ ОШКОР ШУД, ҚУРБОНГОҲ БАРПО НАМУД -- ВА ХАВФИ ХУДО МАРДУМИ ГИРДУ ПЕШИ ОНҲОРО ФАРО ГИРИФТ, ВА ҲЕҶ КАС БА АҲЛИ ОИЛАИ ОНҲО ҲУҶУМ НАКАРД ВА ОНҲОРО ТАЪҚИБ НАКАРД.
Ӯ ИН САРЗАМИНРО БАЙТ-ИЛ (ХОНАИ ХУДО) НОМИД, ЗЕРО ПАРВАРДИГОР ДАР ИН ҶОЙ БО Ӯ ГАП ЗАД.


БАЪДИ ТАРК КАРДАНИ БАЙТ-ИЛ РОҲЕЛ ПИСАР ЗОИД. Ӯ ДАР ЗОИДАНАШ ДУШВОРӢ КАШИД, ВА ЧАНДЕ ПАС АЗ ЗОИДАНАШ ВАФОТ КАРД.
РОҲЕЛ ӮРО БЕН ӮНӢ НОМИД – ПИСАРИ ДАРДАМ.
АММО ЯЪҚУБ ӮРО БИНЁМИН НОМИД – ПИСАРИ ДАСТИ РОСТАМ (ХУШБАХТӢ).
ВАҚТЕ КИ ЯЪҚУБ БА КАНЪОН БАРГАШТ, ПАДАРАШ ИСҲОҚ ВАФОТ КАРД.
ПИСАРОНАШ ӮРО ДАР МАҒОРАЕ КИ ВОЛИДОНАШ ДАФН ШУДА БУДАНД, ДАФН КАРДАНД.
ЭСАВ ПАДАРИ АДӮМИЁН ШУД.
КАЛИМАИ АДӮМ АЗ КАЛИМАИ “СУРХ” БАРМЕОЯД.
НА ТАНҲО МӮЙҲОИ ЭСАВ СУРХ БУДАНД, БАЛКИ ЗАМИНЕ КИ Ӯ ДАР ОН СОКИН БУД, АЗ РЕГХОКИ СУРХ ИБОРАТ БУД.
ВА ЯЪҚУБ БА ЗАМИНИ КАНЪОН, КИ ПЕШТАР ПАДАРАШ ДАР ОН СОКИН БУД, КӮЧИД.

"THE BIBLE EXPLAINED
IN EVERY LANGUAGE."













# SUPERBIBLE.TV